«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х.
_______________________
«12» 01 2024 с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи милии Тоҷикистон

Муҳокимаи диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент (6D050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДМТ Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод карда шудааст.

Таҳқиқот дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Акрамова Бибималика Акбаровна, 19 августи соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст, оиладор, соҳиби 1 фарзанд мебошад. Соли 2008 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2012 онро аз рӯйи ихтисоси менеҷменти ташкилот хатм кардааст. Солҳои 2012-2014 дар зинаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намуда, онро аз рӯйи ихтисоси менеҷменти ташкилот хатм намудааст.

Акрамова Бибималика Акбаровна солҳои 2017-2020 ба ҳайси докторанти фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намудааст.

Тибқи қарори Шурои олимони факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавзуи диссертатсияи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) Акрамова Бибималика Акбаровна бо номи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», зери роҳбарии д.и.и., профессор Қудратов Р.Р. тасдиқ карда шудааст.

Дар асоси нақшаи таълимии шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ, докторант (PhD) Акрамова Бибималика Акбаровна дар ҳаҷми 180 кредит иҷро намуда имтиҳони комплексиро супоридааст.

Аз рӯи натиҷаҳои экспертизаи диссертатсия дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» чунин хулоса бароварда шуд:

## 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Бояд тазаккур дод, ки соҳаи кишоварзӣ бахши пешбарандаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, дар солҳои охир новобаста аз таъсироти офатҳои табиӣ ва омилҳои бухронӣ дар сатҳи зарурии устувор қарор дошта, ба ҳисоби миёна 18-21%-и ММД-ро таъмин менамояд, бо вуҷуди ин, то ҳол масъалаҳои муҳими сиёсати аграрӣ аз ҷумла, номуайянии шаклҳои рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ ки дар бахши иқтисодӣ муҳиманд, то ҳол ҳалли пурраи худро наёфтаанд. Яке аз сабабҳои дар сатҳи лозимӣ ҷой надоштани истеҳсолоти кишоварзӣ ноустувории базаи моддию техникии соҳа ба ҳисоб меравад. Базаи техникии соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ барои баландбардории ҳосилнокии меҳнат кифоягӣ иамекунад. Новобаста аз афзоиши шумораи техника дар соҳа (ба истисноi автомобилҳои боркаш), аз қабили тракторҳо, комбайнҳои ғалладарав ва мошинҳои асосии кишоварзӣ дар корхонаҳои кишоварзии кишвар то ба ҳол базаи техникӣ барои баландбардории ҳосилнокӣ мусоидат карда наметавонад, чунки онҳо маънаван ва ҷисман кӯҳна шудаанд ва зарурат ба навкунӣ доранд. Раҳоӣ аз ин вазъ, пеш аз ҳама, бо такмили идоракунии раванди такрористеҳсол барқарор ва дастгирӣ кардани шароит ва таъминоти кадрии он иртибот дорад.

## Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия

Диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои аз ҷониби муаллиф дар таҳқиқот бадастовардашуда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти баланди илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ робита дошта, аз ҷумла аз тахия ва аниқ гардонидани заминаҳои илмӣ-методии таҳқиқот, истифодаи равишҳо ва усулҳои гуногуни илмӣ оид ба такмили идоракунии равандҳои такоористеҳсол дар кохонаҳои кишоварзӣ иборат мебошад. Дар натиҷаҳои амалӣ намудани таҳқиқот оид ба идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ бо мақсади васеъ кардани иқтидори иқтисодӣ заминаҳои нави идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз механизмҳо, алгоритм, усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ бар меояд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни иитишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 11 кори илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

**РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮЙИ МАВЗУЪ:**

**А) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. Акрамова, Б. А. Воспроизводство в аграрном секторе экономики: некоторые вопросы теории и методологии. [Текст] Акрамова Б. А. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/9. – С. 123-126.

[2-М]. Акрамова, Б. А. Ҷанбаҳои назариявии раванди такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ. [Матн] Акрамова Б. А., Саидаҳмадов Ф.Б. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. (соли – 2019. №3) қисми -1. – С. 40-44.

[3-М]. Акрамова, Б. А. Хусусиятҳои такрористеҳсол дар бахши аграрӣ дар шароити муосир. [Матн] Акрамова Б. А., // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (соли – 2019. №5) қисми -1. – С. 158-161.

[4-М]. Акрамова, Б. А. Роҳҳои асосии таъминоти амнияти озуқаворӣ. [Матн] Акрамова Б. А., Саидахмадов Ф. Б. // Паёми Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон «Кишоварз» Душанбе – 2018. – № 4 (80), – С. 206-211.

[5-М]. Акрамова, Б. А. Рушди низоми идоракунии такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ. [Матн] / Акрамова Б. А., // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – №.3.(37). – С. 435-447.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[6-М]. Акрамова Б.А. Раванди такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ ва омилҳое, ки ба он таъсир мерасонанд. [Матн] Акрамова Б.А., Давлатов Ф.С. Маводи конференсияи илмӣ амалии байналмилалии «Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ». Душанбе 2018с. -С. 236-240.

[7-М]. Акрамова Б.А. Хусусиятҳои такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ. [Матн] Акрамова Б.А., Давлатов Ф.С. Конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами омори соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои методӣ ва методологӣ». Душанбе, 2018- С. 123-128.

[8-М]. Акрамова Б.А. Управление ресурсным потенциалом аграрного сектора в условиях ее воспроизводство. [Текст] Материалы круглого стола на тему «Актуальные проблемы менеджмента в современных условиях». Душанбе, 2019. -С. 21-24.

[9-М]. Акрамова Б.А. Масъалаҳои такрористеҳсоли васеъ ва ҷамъоварӣ дар соҳаи кишоварзӣ. [Матн] / Акрамова Б.А. Конференсияи байналмилалии илмӣ – амалии «Масоили мубрами ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

[10-М]. Қудратов Р.Р. Акрамова Б.А. Таҷрибаи хориҷии ташаккули менеҷменти такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ дар ташкилотҳои кишоварзӣ. [Матн] /. Қудратов Р.Р. Акрамова Б.А. Маҷмуи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» бахшида ба «Солҳои рушди саноат» (2022 - 2026), (23 декабри соли 2023) Душанбе, 2023.-325.- С. 257-263.

[11-М]. Қудратов Р.Р., Акрамова Б.А. Хусусиятҳои менеҷменти такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ. [Матн] Қудратов Р.Р., Акрамова Б.А., Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ ва тиҷорати электронӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба «солҳои рушди саноат». Душанбе, 2023с. -С. 267-271.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо**

**Хулосаҳо ва пешниҳодоти** натиҷаҳои бадастомада дар семинарҳо, конфронсҳои илмию амалии сатҳҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми омӯзиши роҳҳои такмили дар корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити Ҷумуҳурии Тоҷикистон истифода шуданд. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асоснокшуда дар ҷараёни таълим дар факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун воситаи методӣ истифода бурда шудаанд.

**2. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Давраҳои иҷрои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи докторант баамал омадааст. Муаллиф мавзуи таҳқиқотро мустақилона интихоб намуда, муҳиммият, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро асоснок карда, нақшаи мантиқии иҷрои таҳқиқоти илмиро таҳия намудааст. Докторант мустақилона маводи мавзуи таҳқиқотиро ҷамъоварӣ карда, онҳоро коркарди илмӣ намуда, дар заминаи омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такрористеҳсол дар шароити Ҷумуҳурии Тоҷикистон бо роҳи таҳия ва пешниҳоди механизмҳо, алгоритм ва моделҳои эконометрикӣ хулоса ва тавсияҳоро пешниҳод намудааст.

**Қарори ҷаласа**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), тақризи роҳбари илмӣ – д.и.и., профессор Қудратов Р.Р.; баромади муқарризон – номзадони илмҳои иқтисодӣ, дотсентон Тағоев Ҷ.Ҳ., Давлатов Х.М. ва Абдуллоева Ш.Б., мутахассисони даъватшуда аз Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон д.и.и., профессорон Рауфӣ А., Ҷонмамадов Ш.Б. ва Шарипов Б.М. оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи Акрамова Бибималика Акбаровна ҷаласаи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи милли Тоҷикистон дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба талаботҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 18 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

тарафдор - 18 нафар
зид - нест
бетараф - нест

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 11 январи соли 2024, протоколи №6 қабул шудааст.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДМТ, н.и.и., дотсент — Содиқов Қ.А.

**Котиби ҷаласа:** — Файзуллоев Б.С.

Имзоҳои Содиқов Қ.А. ва Файзуллоев Б.С.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.

12. 01. 2024

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ